## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки имсол 35-солагии истиқлоли комили сиёсию давлатии худро таҷлил менамояд, бо дастовардҳо ва нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, суръати рушд ва фазои орому осоиштаю ваҳдати дохилии ҷомеа дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун яке аз кишварҳои шинохта ва рушдёбандаи ҷаҳони муосир эътироф гардидааст. Таҷрибаи давлатдории тоҷикон дар марҳалаи навин таҳти роҳбарию сарварии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърих ҳамчун мактаби беназир ва намунавии эътирофгаштаи роҳбарикунанда, ки дар як марҳалаи кӯтоҳ ҷумҳурии ба гирдоби даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардидаро ба амну эътидоли сиёсӣ оварда, раванди густурдаи эъмори давлати соҳибихтиёри миллиро ба роҳ монд ва хоҷагии халқи харобгардидаро барқарор намуда, иқтисоду фарҳанги кишварро ба сатҳи рушди бонизом баровард, имрӯз мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши марказҳои сиёсӣ ва илмию амалии сатҳи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Ин нуқта борҳо аз ҷониби сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ, роҳбарону ходимони давлатҳои гуногун ва созмонҳои байналмилалӣ иброз гардида, таҷрибаи мактаби давлатдории Пешвои миллат ва усули сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кишварҳои дигар ҳамчун манбаи омӯзиш пешниҳод гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Иттиҳоди Шуравӣ ба мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқи иттифоқӣ ба таври дилхоҳ ва зарурӣ мерос нагирифтааст, баръакс аз вазъи ноорому ногувори кишвар истифода намуда, амволи зиёду чанд муассисаҳои арзишманд аз ҳудуди ҷумҳурӣ ба берун бароварда шуданд. Аз тарафи дигар, дар даҳсолаи охири замони шуравӣ ҶШС Тоҷикистон аз назари рушд ва вазъи умумии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар байни дигар ҷумҳуриҳои ҳамтои худ яке аз ҷойҳои охиронро ишғол менамуд. Суръат ва вусъати ба назар намоёни рушди ҷумҳурӣ, ки дар давраи солҳои 60-70-уми асри гузашта ба даст омада буд, тадриҷан дар замони рукуд ва баъдан бозсозии ҷомеаи шуравӣ аз байн рафт. Ба замми он, даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ҳолати вазнини иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриро боз ҳам

сангинтару вазнинтар намуд. Тибқи хулосаи коршиносон раҳоии ҷумҳурӣ аз чунин ҳолати вазнини сиёсию иқтисодӣ имкон надошт ва, агар имкон ҳам даст медод, барои эътидоли вазъи сиёсию барқарорсозии иқтисоди харобгардида, муҳлати ниҳоят тӯлонӣ ва хароҷоти ҳангуфт зарур буд. Аммо, ин коршиносон аз табиати созандагию фарҳангофарии халқи соҳибтаърихи тоҷик хабар надоштанд ва намедонистанд, ки тоҷикон борҳо дар таърихи тӯлонӣ аз чунин ҳолатҳои сангин берун омада, боз ҳам созандагию бунёдкории худро идома додаанд. Ин навбат низ, бо қарорҳои созандаи Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби роҳбарияти нави олӣ тахти сарварии фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар як муддати кӯтоҳ ҷумҳурӣ аз вартаи сиёсию иқтисодӣ ва парокандашавӣ на танҳо берун омад, балки рӯй ба инкишоф ниҳода, комёбиҳои назаррасро соҳиб гардид.

Доир ба рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлоли давлатӣ, раванди ҳалли мушкилоту мураккаботи ҷойдошта, равандаи барқарорсозии хароботи ба миён овардаи ҳаводиси сиёсии ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ, таҷрибаи навини давлатдорӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти кишвар асару таҳқиқот ва мақолоти зиёде аз тарафи муҳаққиқону коршиносони самтҳои гуногун, пеш аз ҳама муаррихон таълиф ва чоп шудааст. Вале, то ин вақт корҳои таълифшудаву ба чоп расида мавриди таҳлил ва ташхиси илмӣ қарор нагирифтаанд. Агар то андозае асарҳою корҳои илмии самти таърихи сиёсӣ, сиёсатшиносӣ мавриди нақди таърихнигорӣ қарор гирифта бошанд ҳам, осори илмии марбут ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар давраи истиқлол аз таҳлили таърихнигорӣ нагузаштаанд.

Вобаста ба ин, интихоби мавзӯи рисолаи илмии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар самти таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991-2016, саривақтӣ ва актуалӣ маҳсуб ёфта, қадам ва кӯшиши муҳим дар рушд ва такомули илми таърихнигории ҷумҳурӣ мебошад.

Рисолаи илмии Муҳаммадсафои И.С. аз ҷиҳати банду баст ва сохтор ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи манобеъ ва адабиёти истифодашуд иборат аст.

Дар муқаддима, унвонҷӯ доир ба мубрамии мавзӯъ ва зарурияти интихоби он, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, доираи замонавии он, асосҳои назариявию методологӣ ва пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии натиҷаҳои ба даст омада, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин

аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти анҷомёфта, ба таври мушаххас ва вобаста ба талаботи мукарраршуда маълумот медиҳад.

**Боби аввали рисола - «Инъикоси раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар таърихнигории ватанӣ»** унвон дошта, аз ду зербоби алоҳида иборат мебошад. Дар зербоби аввали он «**Таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ**», муҳаққиқи ҷавон дараҷаи таҳлили вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дар охири давраи шуравӣ ва ибтидои замони соҳибистиқлолиро дар асарҳои таърихӣ, инчунин баъзе аз асарҳои илмии иқтисодӣ баррасӣ намуда, то чи андоза инъикос ёфтани масъаларо дар таҳқиқоти илмии чопшуда нишон додааст. Таъкид мешавад, ки асосан дар асарҳои таърихӣ ба авзои иқтисодию иҷтимоӣ, омилҳои гуногуни рушди иқтисоди кишвар, сиёсати давлатӣ дар самти иқтисод ва раванди татбиқи он, дастовардҳои аввалини иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Баробар ба ин, ҳам дар асарҳои таърихӣ ва ҳам дар асарҳои иқтисодшиносон марҳалаи гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба низоми дигар, ислоҳоти фарогири иқтисодию иҷтимоӣ, баромадан аз ҳолати бӯҳрони сахт, раванди ғайридавлатӣ гардонидани амволи давлатӣ, баргаштан ба моликияти хусусӣ, рушди иқтисоди бозорӣ ва асосҳои он мавқеи асосиро соҳиб мебошанд.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола - **«Саҳми ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва инъикоси он дар асарҳои илмӣ»**, диссертант дар такя ба раванди рушди ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ, ба вижа ҷараёни ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, таъкид менамояд, ки ягон давлат ва ё кишвар дар алоҳидагӣ ва ё бе робита ба олами беруна наметавонад рӯ ба тараққӣ биёрад ва талаботи воқеии дохилии худро комилан қонеъ созад. Аз ин рӯ, дар рушди ҳар як давлату кишвар робитаю ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ бо дигар давлатҳо ва ё ташкилоту созмонҳои фаромилии хориҷӣ нақши муассирро соҳиб мебошанд. Вобаста ба ин, дар асарҳои илмӣ, махсусан асарҳои таърихию иқтисодӣ ба баррасии мавзӯи ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики хориҷӣ ва ташкилоту созмонҳои ҷаҳонӣ ва саҳми онҳо дар барқарорсозии хоҷагии халқ ва рушди иқтисодии кишвар низ диққат дода шудааст. Агар ҷанбаи таърихии масъалаи ҳамкорӣ бо давлатҳою ташкилотҳои хориҷӣ, маблағгузории хориҷӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак дар таълифоти зиёди муаррихон инъикос ёфта бошад, паҳлуҳои иқтисодию иҷтимоии он дар асарҳои иқтисодчиён, масъалаҳои робитаҳои димпломатию ҳамкорӣ дар навиштаҳои коршиносони самти муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсатшиносон тасвири худро пайдо намудааст. Аммо, дар заминаи таҳлили таърихнигорӣ диссертант хулоса менамояд, ки раванди ҳамкорӣ ва

робитаи иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва саҳми онҳо дар барқарорсозии хоҷагии халқ ва рушди минбаъдаи он дар замони истиқлол аз мадди назари муҳаққиқон берун намондааст. Дар ин самт муҳаққиқони самти таърих, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ ва таҳлилгарони муносибатҳои хориҷӣ бештар фаъол мебошанд.

**Боби дуюми рисола - «Бозтоби ислоҳоти аграрӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асарҳои илмии таърихӣ»**, ки низ аз ду зербоб иборат аст, ба инъикоси сатҳи таҳлил ва баррасии вазъи яке аз шохаҳои асосии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, соҳаи кишоварзӣ дар охири замони шуравӣ, таъсири ҳаводиси сиёсии ибтидои давраи истиқлол ба он, хисороти ҳангуфт ба хоҷагии деҳоти ҷумҳурӣ дар асарҳои илмӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби аввал «**Ислоҳоти аграрӣ ва инъикоси он дар асарҳои муҳаққиқон**», таъкид мегардад, ки дар таърихнигории Тоҷикистон раванди ислоҳоти замин ва об асосан дар асарҳои сершумори таърихчиён, иқтисоддонон, мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва дигар олимон таҳқиқ ва ҷамъбаст шудаанд. Таҳлили ин асарҳо нишон доданд, ки асосан ба таҳқиқу таҳлили он намояндагони илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодӣ таваҷҷуҳ карда, бештар ба вазъи умумии соҳаи кишоварзӣ дар охири давраи шуравӣ ва ибтидои замони соҳибистиқлолӣ, душвориҳо ва мушкилоти комплекси агросаноатӣ, зарурати гузаронидани ислоҳоти аграрӣ, комилан аз нав бунёд намудани пояҳои қонунгузории соҳа, раванди қабули қонунҳо ва санадҳои меъёриию ҳуқуқӣ, рафти татбиқи ислоҳот дар соҳа, ташкилёбии шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои ниҳоии раванди дигаргунсозиҳо диққат додаанд. Дар аксарияти таълифот таъкид мешавад, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати дурбинонаи давлатӣ дар самти кишоварзӣ ва ислоҳоти аграрӣ дар давраи истиқлол хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ аз ҳолати буҳронӣ раҳо ёфта, тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳод ва дар ҳалли яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини истиқлолияти озуқаворӣ нақши муассир гузошт.

Дар зербоби дуюми ин боб - **«Омӯзиши заминаҳо ва раванди муҳоҷирати аҳолӣ дар асарҳои таърихӣ»**, унвонҷӯ ба масъалаи бозтоби яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии замони муосир муҳоҷирати меҳнатӣ ва дараҷаии баррасии паҳлуҳои гуногуни он дар адабиёти илмӣ таваҷҷуҳ намудааст. Тибқи таҳлили унвонҷӯ, муҳаққиқони самтҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ба таҳқиқу омӯзиши ин масъала диққат дода, таълифоти зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Дар байни онҳо, муаррихон бештар мебошанд, ки ба заминаю омилҳои муҳоҷират, шаклҳо ва марҳалаҳои асосии он дар таърихи ҷумҳурӣ, махсусан дар давраи

навтарин диққат дода, то ҳадди имкон тасвири нисбатан мукаммали ин равандро ба даст овардаанд.

Аз таҳқиқи диссертант бармеояд, ки муҳаққиқон бештар ба сабабҳо ва омилҳои ба миён омадани муҳоҷирати иҷборӣ, нақши иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ дар баррасии масъалаи фирориён, тадбирҳо ва қадамҳои ҷиддии Сарвари давлат, Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи барқарор намудани сулҳу оромӣ ва баргардонидани фирориён ба ҷойи зист, раванди муфассали ба ватан баргардонидани фирориён ва ҷойгиркунии онҳо дар асоси санадҳои расмӣ, маводи матбуоти даврӣ, ҳисоботи сохторҳои муваззаф ба баргардонидани гурезаҳо, диққат додаанд.

Умуман, таҳлили адабиёти илмии самти илмҳои ҷомеашиносӣ нишон медиҳад, ки масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунандаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ҷанбаҳои гуногуни он дар таҳқиқотҳо инъикоси худро пайдо намудаанд. Дар асарҳои таърихӣ бештар ба масоили муҳоҷирати иҷборӣ, фирорӣ шудани аҳолӣ дар солҳои нобасомониҳои сиёсию ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, тадбиру чораҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон баҳри пурра баргардонидани онҳо ба маҳалли зисти худ, муҳоҷирати дохилӣ, муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ, сабабу омилҳои он, рафт ва шумораи муҳоҷирон дар хориҷи кишвар таваҷҷуҳ намудаанд.

Боби сеюми рисола - **«Таҳқиқи дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории миллӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб - «**Бозтоби рушди маориф ва илми ҷумҳурии соҳибистиқлол дар асарҳои таърихӣ**», диссертант дар заминаи таҳлили таърихнигорӣ ошкор менамояд, ки раванди дигаргунсозиҳо, ислоҳот ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқ сохтани низоми маориф ва илми ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ то ҳадди зарурӣ дар адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқи масъала маълум менамояд, ки воқеан истиқлоли давлатӣ барои рушди ин самтҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ поя ва иқтидори зарурӣро муҳайё сохта, сиёсати ҳадафмандонаи давлат барои сол ба сол зиёд шудани маблағгузории соҳа, ҳамқадами ҷаҳони муосир будани он ҳаматарафа мусоидат намудааст.

Дар ду зербоби алоҳидаи дигари боби мазкур унвонҷӯ сатҳи инъикоси дастовардҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ва равобити фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷи дуру наздик ва созмону ташкилоти байналмилалӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии таърихӣ ва таълифоти дигар самтҳои илмҳои ҷомешиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқ унвонҷӯ ба хулоса меояд, ки муҳаққиқону муаллифон тавонистаанд дар

таҳқиқоти худ раванди рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони истиқлолро бо самтҳою паҳлуҳои гуногунаш инъикос намоянд. Ба андешаи аксарияти пажӯҳандагон манобеи асосии рушди фарҳанг, пеш аз ҳама дар сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нуҳуфта буда, маҳз дастгирии ҳамаҷонибаи моддию маънавии роҳбарияти олии кишвар боиси пешрафти босуръати ҳаёти фарҳангӣ дар замони истиқлол гардидааст. Маҳз дар натиҷаи чунин сиёсати фарҳангпарварона раванди рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ бо суръату вусъати баланд ба вуқуъ омада, раванди эҳёшавии унсурҳои зиёди фарҳанги аҷдодӣ, ки бо фишору таъсири замона ба фаромӯшӣ рафта буданд ва ё дар ҳолати нестшавӣ буданд, ибтидо гирифтааст. Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёре аз унсурҳои волои мероси моддию маънавии фарҳангии халқи тоҷик ба феҳрасти мероси фарҳангии ҷаҳонӣ ворид гардиданд.

Дар хулоса, унвонҷӯ натиҷаи таҳқиқоти хешро доир ба инъкоси ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлол ҷамъбаст намуда, назару хулоса ва пешниҳоҳои худро ба шакли мушаххас вобаста ба ҳар як боби рисола манзур намудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама дар он аст, ки бори нахуст дастоварди илми таърихшиносии миллӣ, инчунин илмҳои иқтисоду сиёсатшиносӣ дар баррасӣ ва сатҳи инъикоси ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурии замони истиқлол мавриди нақди таърихнигорӣ қарор гирифааст.

Дастоварди муҳимми унвонҷӯ дар он аст, ки дар асоси таҳлилу баррасии осори зиёди илмӣ ва муқоисаи он бо асноди муҳимми таърихӣ, маводи оморию матбуоти даврӣ дар доираи як рисола тавонистааст бозтоби дастовארҳои ҷумҳурии тозаистиқлоли тоҷикро дар чаҳорчӯбаи замонавии солҳои 1991-2016, яъне дар муддати 25 соли истиқлол дар таърихшиносии муосири тоҷик ба таври илмӣ муайян намояд.

Хулосаҳои назариявии муаллиф, муқарраротт, натиҷаҳои илмӣ назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия барои омӯзиши таърихи муосири халқи тоҷик аҳаммияти илмӣ-амалӣ доранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқи муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд. Мазмун ва муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар мақолаву маърӯзаҳои унвонҷӯ, аз ҷумла дар 6 мақолаи

илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)» аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

**Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих,**
**профессор, сарходими илмии ИТБМ**
**ба номи А. Дониши АМИТ** **Убайдулло Насрулло Каримзода**

*Имзои профессор Убайдулло Н.К.-ро тасдиқ менамоям.*

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи
А.Дониши АМИТ Файзуллоева Г. Қ

5.05.2025